Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-14 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Халифазода Саидаҳтам дар мавзуи «Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст**

Низоми миллии андозбандӣ дар замони истиқлолият ба вуҷуд омада, тамоми рукнҳо ва ниҳодҳои марбут ба маъмурикунонии андоз низ мутаносибан дар ин давраи начандон тӯлонии таърихӣ ташаккул ёфтааст. Дар ин давра чандин маротиба Кодекси андоз бо муҳокимаи муфассал дар васоити ахбори омма ва таҳрири олимону мутахассисон аз нав қабул карда шуд. Бо вуҷуди ин, бо суръати баланд тараққӣ кардани технологияҳои муосир дар раванди ба роҳ мондани назорати андозӣ тағйироти куллӣ ворид карданд. Дар тамоми кишварҳои тараққикарда баҳисобгириии объектҳои андозбандӣ ва таъмини назорати андозӣ тавассути технологияҳои ҳозиразамони иттилоотию иртиботӣ бознигарӣ карда шуд.

Зарурати такмили низоми маъмурикунонии андоз, ки ҳамчун мавзуи таҳқиқоти тақризшаванда интихоб гардидааст, бо он асоснок мегардад, ки сарфи назар аз тасҳеҳу таҳрири чандинкаратаи асноди меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, меъёрҳо ва мизони маъмурикунонии андозҳо, баланд бардоштани самаранокии низоми мазкур таҳқиқоти назариявӣ – амалиро мехоҳад.

Чуноне аз мухтавои автореферат бармеояд, мақсади таҳқиқот аз омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ - методологии низоми маъмурикунонии андоз, татбиқи амалӣ ва арзёбии самаранокии он, нишон додани роҳҳо ва самтҳои такмили минбаъдаи маъмурикунонии андоз иборат мебошад.

Аз дастовардҳои илмии муаллиф ҳаминро зикр намудан кофист, ки дар асоси омӯзиш ва ҷамъбасти дастаҷамъонаи нуктаҳои мухталифи назариявӣ таърифи худи муаллиф оид ба мафҳуми «маъмурикунонии андоз» пешниҳод гардида, усулҳо ва вазифаҳои асосии ташаккул ва такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити имрӯза нишон дода шудааст. Дастоварди мазкур он ба мукаммалгардонии низоми андозбандӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти андоз, беҳтар намудани сатҳ ва сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон барои иҷрои уҳдадориҳои андозиашон,

назорати самаранокии истифодаи имтиёзҳои андозӣ равона карда шуда, бо назардошти таҷрибаи такмили маъмурикунонии андоз дар кишварҳои рушдкардаи иқтисодӣ муайян ва мушаххас гардидаанд.

Ҳамзамон, муаллиф самтҳо ва роҳҳои асосии такмили низоми маъмурикунонии андозро дар Ҷумҳурӣ пешниҳод кардааст, ки он ба истифодаи технологияҳои муосир ва рушди иқтисоди рақамӣ дар раванди андозбандӣ, маҳдуд намудани санҷишҳои андоз бо роҳи истифодаи механизмҳои муосири назорати андозӣ, роҳандозӣ намудан меъёрҳо ва усулҳои нави андозбандӣ, ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва дар ин замина ҷалби бештари сармояҳо ба иқтисодиёти Ҷумҳурӣ нигаронида шудааст.

Илова бар ин, дар таҳқиқот, чуноне аз мазмуни автореферат ба назар мерасад, як модели илман асоснокшуда оид ба самаранокии низоми маъмурикунонии андоз коркард ва пешниҳод шудааст, ки он ба ҷамъоварии саривақтии маблағҳои андозӣ, иҷрои саривақтии уҳдадории андозӣ ва ҳавасмандии иқтисодии андозсупорандагон, сарфаи вақти андозсупорандагон барои иҷрои уҳдадориҳои андозӣ ва беҳтар намудани муҳити фаъолияти соҳибкорӣ равона карда шудааст. Модели мазкур арзиши илмию амалии таҳқиқоти анҷомгардидаро барҷастатар нишон медиҳанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти С. Халифазодаро дар мавзуи «Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ҷиҳати рушди низоми андозӣ, беҳтар намудани маъмурикунонии андозҳо, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва ҷамъоварии андозҳо, дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, паст намудани меъёрҳои андозҳо истифода бурдан мумкин аст.

Бо вуҷуди арзиши баланди илмӣ, автореферат аз баъзе камбудиҳо низ орӣ нест. Масалан:

1. Чуноне аз автореферат бармеояд, муаллиф дар диссертатсияи худ усулҳо ва вазифаҳои маъмурикунонии андозро дар шароити муосир дар шакли накша гурӯҳбандӣ кардааст (расми 2), вале саҳми худро дар таснифоти мазкур нишон надодааст.

2. Дар автореферат бисёр андешаҳо, тавсия ва пешниҳодҳои судманди муаллиф, аз қабили зарурати таъмини ҳамоҳангӣ байни мақомоти андоз ва дигар ниҳодҳои ваколатдори давлатӣ, бознигарии банақшагирии воридоти андозҳо вобаста ба минтақаҳо, воқеъбинона баҳо додани иқтидори андозии онҳо ва ғайра ба назар мерасанд, ки дар қисмати хулосаи кор, хусусан, дар қисмати тавсияҳои оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо инъикоси худро наёфтаанд.

Вале, эродҳои гирифташуда ҷузъӣ буда, арзиши илмии таҳқиқоти анҷомёфтаро коста намегардонанд. Интишороти муаллиф воқеан муҳтавои

асосии таҳқиқотро инъикос мекунанд ва ба муқаррароти мавҷуда ҷавобгӯ мебошанд.

Хулосаи умумӣ оид ба автореферати Халифазода С. ҳамин аст, ки таҳқиқот дар мавзуи «Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Халифазода Саидаҳтам сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Тақриздиҳанда,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи молия ва қарзи ДСРТ Султонов З.С.

Имзои З.С. Султоновро тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбаи кадрҳои ДРСТ Раҳимов А.А.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30
Почтаи электронӣ: sulton@mail.ru
Телефон: (+992) 37 221-35-50
Сомонаи расмӣ: www.rtsu.tj